# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «31» 01 соли 2025 № 39/иш ш. Душанбе

*Оид ба қатъ намудани фаъолияти шурои диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 15 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270), сархати 1 банди 121 ва банди 122 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (карори Ҳукумати Чумхурии Точикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бинобар риоя накардани талаботи бандҳои 2, 3, 6 ва 7 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва банди 37 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30.06.2021, №267) дар ҳимояи диссертатсияи довталабон: Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), Ниъматов Салоҳиддин Назурович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ва Якубшоев Афруз Хубоншоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қатъ карда шавад.

2. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои чамъиятӣ-гуманитарӣ (Вализода Х.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, чиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия чораҳои зарурӣ андешад.

3. Назорати ичрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмӣ Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, №2

Раис Давлатзода С. Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ